**Суратмаҷлиси №29**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 7 марти соли 2024 ш. Душанбе

**Дар маҷлис иштирок доштанд:**

1. Эргашев Абдулло – д.и.б., 03.01.05
2. Юлдошев Ҳимоҳиддин – д.и.б., 03.01.05
3. Қосимов Раҷабек Бобораҷабович – д.и.б., 03.01.04
4. Бобораҷабов Бобохон – д.и.б.,03.02.01
5. Евдокимова Галина Нажмиддиновна – д.и.б., 03.02.01
6. Сатторов Раҳматулло Бобоевич – д.и.б., 03.02.01
7. Бобоев Мариё Тиллоевич – д.и.б., 03.02.01
8. Алиев Қурбон – д.и.б., 03.05.01
9. Каримзода Акобир Изатулло – д.и.б., 03.01.04
10. Раҷабзода Сироҷиддин Икром – д.и.х., 03.01.04
11. Иброгимова Сайрамби Искандаровна – н.и.б., 03.01.04

**Раисикунанда:** д.и.б., профессор Эргашев Абдулло

Дар маҷлиси имрӯза аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 - уми апрели соли 2022, №119/шд тасдиқ гардида, 11 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори Шуро ки чӣ гуна пешниҳод дорад. Пешниҳод гардид ки ба кори Шуро оғоз бахшида шавад. Ки ҷонибдори он ки кори Шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф нест. Якдилона қабул гардид

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Оид ба таъсиси комиссияи экспертӣ, ҷиҳати баррасӣ ва қабул намудани диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника

**Баромад намуданд:** раиси Шурои диссертатсионӣ д.и.б., профессор Эргашев А., котиби Шурои диссертатсионӣ н.и.б., Иброгимова С.И.
Раиси шурои диссертатсионӣ, профессор Эргашев А. баромад намуда иттилоъ дод, ки ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-038-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз тарафи унвонҷӯи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои

яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника ариза пешниҳод шудааст. Ҳисайнов Д.Э. унвонҷуи Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ буда, экспертизаи диссертатсияашро дар ҷаласаи васеи шуъбаи флора ва систематикаи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ (Протоколи №5 аз 19.11.2023) гузаронидааст.

Ҳамчунин котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, н.и.б. Иброгимова С.И. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҳисайнов Д.Э - автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи низомномаи Намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро ба шуро пешниҳод намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхис дар комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ ягон монеа вуҷуд надорад.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки барои гузаштани тартиботи навбатӣ номзадии се аъзои Шурои диссертатсионӣ, вобаста ба самти диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшуда комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин муайян карда шавад: д.и.б., профессор Бобораҷабов Б. аъзои шуро (раиси комиссия), аъзоёни комиссия: н.и.б., Кароматуллои Қ. ва н.и.б., Акрамов У.Х ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи унвонҷӯ Ҳисайнов Далер Эмомович, оид ба ҳимояи диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника пешниҳод карда мешавад.

Ба овоз монда шуд:

тарафдор 11- нафар; зид-нест; бетараф – нест.

Пас аз овоздиҳӣ ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:

1. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати д.и.б., профессор Бобораҷабов Б. (раиси комиссия), аъзоёни комиссия: н.и.б. Кароматуллои Қ., н.и.б. Акрамов У.Х. ҷиҳати экспертизаи диссертатсияи унвонҷӯ Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти

дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.01 – Ботаника таъсис дода шавад.

2. Ба комиссияи экспертӣ супориш дода шавад, ки таҳлили мувофиқати диссертатсияро ба самтҳои фаъолияти Шуро, инчунин баррасии дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталаб Ҳисайнов Далер Эмомовичро анҷом дода, хулосаи комиссияи ташхисиро омода намоянд ва дар ҷаласаи навбатии Шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

Раиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-038, доктори илмҳои биологӣ, профессор — Эргашев А.

Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D.КОА-038, номзади илмҳои биологӣ — Иброгимова С.И.

Имзои д.и.б., профессор А. Эргашев ва номзади илмҳои биологӣ С.И. Иброгимоваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.